## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти рисолаи унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич пеш аз ҳама дар он зоҳир мeёбад, ки дар таҳқиқи ин ё он марҳалаи таърихӣ, хосатан асрҳои миёна, нақши сафарномаҳо хеле муҳим буда, муаллифони онҳо шоҳиди бевоситаи воқеаҳои овардаашон мебошанд.

Мубрам будани мавзӯи мазкур боз дар он хулоса мешавад, ки маводҳои бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводҳои теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

Илова бар ин то ба ҳол ҳеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 2 бобу 6 сербоб, хулоса ва руйхати адабиёт ва манобеи истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиш, тавсифи умумии кор, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбавӣ, навгониҳо, муқаррарот ва аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот оварда шудааст.

Дар таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантикии таҳлили илмӣ, истифода шудаанд.

Муалллиф ба маврид хулосае меояд, ки ахбори Клавихо роҷеъ ба муносиботи ду ҳокими турки таҷовузгари асри миёнагӣ – султон Йилдирим Боязид ва Темур дар асоси шунида ва дидаҳояш бисёр муҳим буда, ба ҳангоми қиёс бо матолиби ҳамсони дар манобеи таърихии дигар вуҷуддошта воқеияти худро ба исбот расонидаанд.

Дар хулоса муаллиф ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам манфии мавзуҳои зикршударо овардааст, ки арзиши илмии корро дучанд мекунад

Автореферат бо мазмуни фишурдаи диссертатсия пурра мутобиқат менамояд ва натиҷаҳои асосии илмии рисола дар як монография ва ёздаҳ мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ш.М. Ҷонмуродов“ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-

1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Ш.М. Ҷонмуродов сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи таърихи
умумӣ ва ватании Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих Ортиқов Абдурафиқ

3 ноябри 2022 с.

734000, Чумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30

Имзои дотсент Ортиқов А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДСРТ Раҳимов А.А.

3 ноябри 2022 с.